# Мизи мудаввар ба ифтихори 23-юмин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Забон – неруи ваҳдатофарин»

Опубликовано 26 июня, 2020 - 13:33 пользователем Ҳайати тадорукот **Забон неруи – ваҳдатофарин**

Имрӯз 26-уми июни соли 2020, соати 1000 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Забон – неруи ваҳдатофарин» мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он олимон, шоирон, намояндагони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Дар оғоз суруди миллӣ садо дод ва баъдан раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба муносибати 23-юмин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик намуда, қадами ҳар яки онҳоро ба ин чорабинӣ хайра мақдам гуфтанд ва ба иштирокдорон тансиҳатӣ, фаррухрӯзӣ ва ба фаъолияти минбаъдаашон комёбиҳои беназир орзу намуда, афзуданд, ки халқи тоҷик хуб медонад, ки барои расидан ба ин рӯзи саид кишвари мо аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги таҳмили шаҳрвандӣ хотима бахшид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд карда буданд, ки: «Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли паркокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард».

Аз ин рӯ, мо бояд ҳар як фарди бонангу номус ин ҷашнро гиромӣ дошта, Ваҳдати миллиро ҳифз намоем.
Баъдан шоирон, олимон ва кормандони Кумита доир ба масъалаҳои марбут ба Ваҳдати миллӣ маърӯзаҳо пешниҳод намуданд. Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои муҳим баррасӣ шуданд.

Мизи мудавварро раиси Кумита доктори илмҳои филологӣ – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмӯъ ба мардуми шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу салоҳ орзу кард.

Ғазали
**«ВАҲДАТ»**
Дӯстон, бо ҳам бисозед, ин замони ваҳдат аст,
Ҳамдилу ҳамдард будан ҷисму ҷони ваҳдат аст.
Он қадарҳо ваҳдати сарду забонӣ сохтем,
Он ҳама акнун дигар заҳре ба хони ваҳдат аст.
Мардуми Хатлону Раштонанд аз як хоки пок,
Ошноиҳояшон дар ошёни ваҳдат аст.
Дар Бадахшону Зарафшон, дар Хуҷанди бостон,
Худшиносиву худафрӯзӣ тавони ваҳдат аст.
Марзи Вахшону заминҳои барӯманди Ҳисор,
Хурраму сарсабз аз оби равони ваҳдат аст.
Мешавад Сурхобу Хингоб оқибат Вахши бузург,
Ин баҳамой, нигар, рӯди дамони ваҳдат аст.
Дар ҷаҳон тоҷик афтодаст дур аз ҳамдигар,
Аз парешонии худ дар армони ваҳдат аст.
Гар сари овози якро дигаре гирад ба меҳр,
Гардад овозе, ки ҷовидон равони ваҳдат аст.
Эй, ки месӯзӣ ба умеди фурӯғи кишварат,
Дар забону дил яке будан нишони ваҳдат аст.
Хонаи тоҷик рӯшан чун дили тоҷик бод!
Тоҷикистон хонадони ҷовидони ваҳдат аст.
*аз шоир Меҳмон Бахтӣ*

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]
- Забони тоҷикӣ [2]
- Конференсияҳо [3]
- Кумита [4]
- Кумитаи забон [5]

-

- 

-

-

-

- 

- 

- 

https://istilohot.tj/sites/default/files/%D0%A1%D0%B8%D1%82%D0%BE%D0%B8%D1%88%D0%B8%20%D0%92%D0%B0%D2%B3%D0%B4%D0%B0%D1%82%D0%B8%20%D0%BC%D0%B8%D0%BB%D0%BB%D3%A3%202020.pdf

**Источник::**https://istilohot.tj/ru/node/6657

**Ссылки**

[1] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [2] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/38 [3] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/30 [4] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/14 [5] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/73 [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_104807_0.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_104722.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_104807.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_110934.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_103714.jpg [11] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_111303.jpg [12] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_103616.jpg [13] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200626_111344.jpg